**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2014**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2014**

## АДАБИЁТШИНОСӢ

**УДК 8 тоҷик 2 +8ю**

**ИСМАТУЛЛОЕВ М.Р[1].**

# НАҚШИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ ДАР ИНКИШОФИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Мақола дар бораи яке аз намояндагони адабиёти бачагонаи тоҷик А.Шукӯҳӣ маълумот ва саҳми ӯро дар инкишофи адабиёти бачагона фаро гирифтааст. Махсусан, дар он сохти жанрии асарҳои бачагонаи нависанда мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявии онҳоро дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти бачагон маълум месозад. Муаллифи мақола ба хулосае омадааст, ки муҳаққиқон ва адабиётшиносони моро зарур аст, ки ба паҳлӯҳои гуногуни жанрии ашъори бачагонаи ин адиби хушсалиқа таҷдиди назар шавад.

**Калидвожаҳо:** адабиёт, адабиёти бачагона, жанр, нависанда, адабиётшинос, муҳаққиқ.

Як идда шоиру нависандагоне ба монанди С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М.Миршакар, А.Деҳотӣ ва дигарон дар солҳои аввали садаи XX барои инкишоф ва таҳаввули адабиёти бачагонаи тоҷик хизматҳои шоистае намудаанд. Мавзӯъ ва мундариҷаи эҷодиёти онҳоро мактаб ва маориф, ба илму дониш сафарбар намудани бачаҳо, омӯхтани касбу ҳунар, дӯст доштан ва ҳифзи марзу буми ватан ва ғайра ташкил медод. Давлату ҳукумат ва махсусан адибони калонсол кӯшиш ба он менамуданд, ки ҳарчи бештар ҷавонони болаёқатро, ҷалб намоянд. Ин буд, ки як зумра ҷавонон ба монанди П.Толис, Ф.Муҳаммадиев, А. Шукӯҳӣ, Ғ.Мирзо дар солҳои аввали баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба сафи адибони навқалам ворид шуда, нахустин навиштаҳои худро ба хонандагон пешкаш менамуданд.

Дар ин давра, адибони номбурда як қатор асарҳои бачагона эҷод карда, насли навраси тоҷикиро ба меҳнати фоиданок ҳидоят менамуданд. Профессор Ҷ.Бобокалонова роҷеъ ба ин мавзӯи меҳнат чунин андеша дорад: «Дар мавзӯи меҳнат, даъват ба он, дар жанрҳои гуногун адибони тоҷик асарҳои бачагона эҷод намуданд. Шеърҳои калону хурд, суруду таронаҳои Мирсаид Миршакар аз ҷумла «Ҷӯробҳои гулдор», «Рост мегӯям», «Айёми ҷавонӣ», П.Толис «Бачагони қишлоқи мо», В.Асрорӣ «Ҳардуяшон нағз», А.Шарифӣ «Амаки милиса», А.Шукӯҳӣ «Барачаи гурезпо», Ғ.Мирзо «Қатраи офтоб», М.Диёрӣ «Замбӯри асал» ва бисёр дигар асарҳо дар ҳамин мавзӯъ эҷод шудаанд» [3.94].

Яке аз адибон, ки дар инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик саҳми босазо гузоштааст, Аминҷон Шукӯҳӣ (19-1979) мебошад. Ӯ 10-июни соли 19 дар деҳаи Румони ноҳияи Хуҷанд дар оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Аминҷон

[1] **Адрес для корреспонденции:** Исматуллоев Мирзо Раджабалиевич - дотсент ТГПУ им. С.Айни Республики Таджикистан 734025. Республика Таджикистан, Варзобский район, село Бакавул. Тел:935835368

Шукӯҳӣ аз хурдӣ ба табиат ва ҳайвоноту бошандагони он ба ҳисси кунҷковӣ менигарист ва ин буд, ки ӯ ба ҳар як ҳаракат ва ҳодисаҳои он ба чашми ҳайрат нигоҳ намуда, посухи саволҳои худро меҷуст. Ҳисси кунҷковӣ дар ӯ чунон боло рафта буд, ки ӯ нақлу ривоятҳои халқиро аз калонсолон ва қиссадонони деҳа ва маҳал шунида, ба онҳо меҳр мебаст. Ҳамчунин аз рӯзҳои аввали эҷодияш рӯ ба фолклор, яъне эҷодиёти шифоҳии халқ намуд ва тамоми маҳорату истеъдоди худро барои офаридани образҳои диққатҷалбкунандаи бачагон истифода бурд. Ба гуфти профессор Ҷ.Бобокалонова: «Фолклор ҳамчун яке аз муҳимтарин манбаи эҷодӣ дар ин давра ҳам ба нависандагони тоҷик материали бой додааст. Миқдори муайяни асарҳои ба хурдсолон бахшидаи адибони тоҷик дар асоси мазмунҳои фолклорӣ навишта шудаанд. М.Миршакар «Гунҷишкак», Ғ.Мирзо «Афсонаи сесона, се мурғи дари хона», «Чилдухтарон», «Достак», А.Шукӯҳӣ, «Барачаи гурезпо», Б.Раҳимзода «Гурбаи худписанд» ва «Мусича ва рӯбоҳ», афсонаи манзуми А.Баҳорӣ «Рӯбоҳ ва гург» барин асарҳои бисёре дар асоси материалҳои фолклорӣ эҷод шудаанд» [3.96].

Аминҷон Шукӯҳӣ чӣ дар назм ва чӣ дар наср барои наврасон асарҳо таълиф намудааст. Мазмуну мундариҷаи ашъори бачагонаи ӯро ҳодиса ва воқеаҳои ҳамарӯзаи ҳаёти бачагон ташкил медиҳад. Адиб бо роҳҳои гуногуни ба шавқу завқ ва ҳолатҳои рӯҳии бачагон мувофиқ, ба восита образҳои парандаву ҳайвонот, ҷиҳатҳои неку бади одамонро тасвир намуда, ҷаҳонбинӣ ва доираи фаҳмиши онҳоро васеъ мегардонад. Барои қаҳрамони хурдсоли нависанда ҳама чизи гирду атроф аҷоибу ғароиб менамояд, ҳисси кунҷкобӣ, завқи фаҳмидани чизҳои дидаву шунидааш ӯро ором намегузорад.

Академик Раҷаб Амонов доир ба шеъри «Зоғ чи хел сиёҳ шуд?»-и А.Шукӯҳӣ, ки онро масал номида аст, чунин андешаронӣ намудааст: «А.Шукӯҳӣ яке аз ин қабил ривоятҳоро ба назм даровarda, хулқу одати зоғонро тасвир кардааст. Як вақтҳо зоғон гӯё пахта барин сафед буданд.

Соле зимистон тӯл кашид. Мардум азоб кашиданд, аммо зоғон шодикунон онҳоро масхара мекарданд. Зоғон дар дасти кампири аз хунукӣ мисли барги бед ларзон як пораи ангиштро дида зада гирифтанду бурда пинҳон карданд. Кампир дуои бад кард, зоғон мисли ангишт сиёҳ шуданд. Онҳо бисёр тадбирҳо андешиданд, вале дигар сафед шуда натавонистанд. Баъд зоғон ба собун умед баста собундуздиро касб карданд.

Эй зоғ, зоғи сап-сафед,
Гардӣ, Илоҳӣ, сип- сиёҳ.
Кардӣ маро ту ноумед,
Монӣ, илоҳӣ бепаноҳ» [2.184]

Асоси мазмуни шеърро нақли халқӣ дар бораи чӣ гуна зоғи гапнодаро панҷаи пиразани сармозадаро нӯл мезанаду ба дуои бади ӯ сиёҳ шуда мемонад, ки хонандаи хурдсол баъди хондани ин шеър ба саволҳои кунҷковонаи худ ҷавоби муносиб меёбад. Ҷолиби диққат аст, ки шоир тавонистааст то ҷаззобият ва мазмуну мундариҷаи ривояти халқиро ба завқу фаҳми бачаи хурдсол созгор намояд ва фаҳмишу дарки масъалаи мазкурро тавассути ривоятҳои мардумӣ ба наврасон нишон диҳад. А.Шӯкӯҳӣ дар шеърҳои ба бачагон бахшидааш, равия ба оҳанги халқиро риоя намудааст. Суруду тарона, достон ва манзумаҳои шоир, аз ҷумла «Давидему давидем», «Барачаи гурезпо», «Шапаракча», «Салом модар», «Зоғ чи хел сиёҳ шуд?» ба дили хонандаи хурдсол наздик буда, то имрӯз вирди забони бачагонанд. Чунончи, дар шеъри «Давидему давидем» ба ҷӯи нав расидани бачагон, набудани об дар ҷӯи нав ва дар беобӣ хушк шудани ниҳолча, бо хоҳишу илтимоси бачаҳо ба ҷӯи нав об кушодани деҳқонамак инъикос ёфтааст:

Давидему давидем,
Ба ҷӯи нав расидем.
Ҷӯи нава обаш не,
Ниҳолчая тобаш не.

Аминҷон Шукӯҳӣ дар адабиёти бачагонаи тоҷик дар баробари шоир ҳамчун нависандаи бачагон низ маъруфият дорад. Дар китоби «Тазкираи адабиёти бачагона» А.Шукӯҳӣ чунин қайд дорад: «Ман ба шеърнависӣ аз солҳои чилум сар карда бошам ҳам, фақат дар солҳои шастум ҷуръат карда қалам ба даст гирифтам, ки барои бачагон нависам» [6.249].

Хулқу атвор, хислату характери неки бачагони деҳотӣ, ки саршор аз меҳру муҳаббат ба табиати диёр ва ҳусну таровати ватан аст, дар қиссаҳои «Об аз куҷо меояд?» (1969) ва «Асад ва Самад» (1974) инъикоси ҳаматарафаи худро ёфтааст. Нависанда тасвири зиндагии ҳаррӯзаи бачагони деҳот, ҷаҳонбинии онҳоро ба воситаи саргузашти аҷоибу ғароиби ду ҷӯра, ду писарбачаи шӯхи кунҷков ва ҳассос мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳад.

Қаҳрамонҳои марказии повести «Об аз куҷо меояд?» Асад ва Самади шашсолаанд, ки амалиёти онҳо асоси сюжети асарро ташкил медиҳад, хатти ҳаракати қаҳрамонҳои дигар, аз ҷумла амалиёти падару модар ва модаркалони Асад, модари Самад, Ҳасани ҳангома, Таваккалхӯҷа ва образи мироби колхоз бошад, вобаста ба амалиёти қаҳрамонони асосӣ инкишоф меёбад  [3.102].

Профессор Ҷ.Бобокалонова ба ин мавзӯъ дахл карда чунин меорад: «Ҳаҷви ширин ва саргузашти аҷоиби Асаду Самад диққати хонандаро ба зудӣ ба худ ҷалб мекунад. Асар аз ҷиҳати банду баст, ҷобаҷогузории воқеъаҳо мукаммал бошад ҳам, сюжети мураккаб надорад. Повест фикру ақида, тасаввуроти бачагони хурдсолро дар бораи ҳодисаву воқеаҳои гирду атроф дарбар гирифтааast»  [3.102].

Дар ҳақиқат, повести «Об аз куҷо меояд?» сюжети мураккаб надорад, аммо масъалагузорӣ ва ҳалли он аз тарафи нависанда мавқеи муҳим дорад. Ҳисси кунҷковӣ ва ба суолҳои худ ҷавоб ёфтан хостани Асаду Самад ва онҳоро барои кофта ёфтани оби ҷӯй ҳидоят мекунад. Онҳо лаб-лаби канал боло баромада , стансияи насосии оббарориро дида, ба хулосаи қатъӣ меоянд, ки обро ана ҳамин стансия ҳосил мекардааст. Стансия гӯё барфу борони бисёре ҷамъ карда, тобистон аз онҳо об тайёр карда ба гирду атроф сар медиҳад. Ин тарзи тасвир, ки доираи дониш ва фаҳмиши бачагонро равшан ифода кардааст, дар асар мавқеи муҳим дошта, барои нишон додани симо ва характери қаҳрамонҳои асар барои пурра ва мукаммалтар гардидани таъсирнокии образҳо хизмат мекунад. Дар асар А.Шукӯҳӣ масъалаи маълумотдиҳӣ ва масъалаи тарбиявиро дар бораи ҳодисаву воқеаҳо бо забони сода ва равон, оҳанги ҳазлу шӯхӣ дода тавонистааст. Чунин ранг гирифтани хатти сужаи асар диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад: « Аз ҳама гармтарин моҳ кадом моҳ аст? Моҳи июл. Деҳқонон моҳи июлро моҳи Асад меноманд. Дар ҳамин моҳ ҳамаи меваҳо мепазанд. Дар деҳаи Лаклакон бачагон чунин месароянд:

Дар моҳи асад,
Олу мепазад.
Мечинем аз он,
Мо сабад-сабад.

Аммо ин суруд ба Асад, ки шашсола аст, тамоман маъқул нест. Ба фикри ӯ бачагон гӯё ин дубайтаро барои масхара кардани ӯ месароянд. Фақат Самад, ки ҳамсоли Асад буда, онҳо ҳамсояи девордармиён мебошад, ин сурудро намехонад. Бинобар он, онҳо дӯсти наздиканд ва ҳама вақт ҳамроҳ бозӣ мекунанд…»  [6.251]

Ин порча аз повести «Об аз куҷо меояд?» оварда шудааст, ки бо номи «Моҳи асад» дар бораи моҳи асад -яъне моҳи июл маълумоти муфид дода , аз пухта расидани ҳосили марди деҳқон дарак медиҳад. Бачагони деҳа бошад, бо замзамаи ин порчаи шеърӣ, ки як навъ ҳазлу шӯхӣ мебошад, ғазаби Асадро меоваранд.

Аммо Самад дар ҳамсояги бо Асад зиндагӣ мекарданд, онҳо ҷӯраҳои наздик буданд. Онҳо бачаҳои қобил буда, хислатҳои хуб доштанд ва онҳоро ҳама вақт падару модарони бачаҳои шӯху якрав бо фарзандони худ ҳамчун намуна нишон медоданд.

Дар ҳикоя ҳазлу шӯхӣ ва ҳирси содалавҳонаи кӯдакона аз тарафи Асаду Самад нишон дода шудааст . Баъди ба назди ҷӯи об омадан онҳо аввал мехоҳанд, ки хурӯсро оббозӣ доранд. Пас аз кӯшишҳои зиёд хурӯсро қапида наметавонанд, вале мурғи чипорро дошта, оббозӣ медоранд ва аз модари Асад суханони бад мешунаванд. Дафъаи дувум бошад, Асаду Самад мошонро қапида ба об меғӯтонанд, аммо мошон бо нохуну панҷаҳояш сару рӯи онҳоро харошида аз дасти онҳо мераҳад.

Аминҷон Шукӯҳӣ хислату характери бачаҳоро хуб дониста, ҳисси кунҷковӣ аз воқеият кам бохабар будани онҳо бо таври ҳазлу шӯхӣ ба хонанда маълумот додааст. Воқеан, дар ҳикояи «Хоҳиш, хориш ва нолиш» низ дар бораи чи тавр Асаду Самад ба боғи колхоз даромада ба чидани шафтолуҳои нимпаз шурӯъ мекунанд. Дар ин вақт боғбон онҳоро мебинад ва онҳо гурехта ба ҷои бехавф рафта, шафтолуҳоро аз даруни куртаҳошон бароварда ба хӯрдан сар мекунанд, дар ин ҳолат бадани онҳо ба хориш медарояд ва гирякунон ба хона мераванд: «Ҳарду шафтолуҳои боқимондаро партофта ба чашмҳои гирёолуд баданҳои худро хорхорон ба сӯи ҳавлияшон давиданд.

-Бибиҷон!- гиря карда Асад худро ба оғӯши модараш ҳаво дода. –Тамоми баданам мехорад.

Модари Асад бадани писарашро дид, ки тамом суп-сурх шудааст. Ниҳоят тарсида ба пурсуҷӯ даромад» [6.265].

Оқибати кор ҳамин аст, ки бачагон ба гуноҳҳои кардаи худ қоил мешаванд ва аз карда пушаймон мегарданд, ки ин нишонаи бетаҷрибагии онҳоро нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, масъалаҳои дар асар бардошта бачаҳоро ҳушдор месозанд, ки онҳо ҳушёр бошанд, ба корҳои беҳуда машғул нашаванд, бо маслиҳати калонсолон амал кунанд. Аз ҳамин хотир, асар хеле диққатҷалбкунанда буда, дар хонанда ҳисси худшиносӣ ва ба ҳодисаю воқеаҳо сарфаҳм рафтанро меомӯзад. Ба ақидаи нависанда, хонанда ба асари хондааш ҳамчу довар баҳо мегузорад: «Барои шоир , нависанда, ҷои таваллуд, синну сол, унвону мансаб, касбу кор дар ҷои дуюм меистад. Ӯро бо асараш, дунёро чи хел дарк мекунаду менависад, ҳаётро чи хел ба қалам медиҳад, мешиносанд ва ба ӯ баҳо медиҳанд. Мукофоти эҷодкор дар ҳамин аст» [6.249].

Асари бачагона бояд аз амалу воқеа саршор бошад, зеро он дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ дар ҳама ҳолат дастгиру мададгор атфол мебошад. Кӯдак дар такопӯ аст ва ӯ мехоҳад, ки ба моҳияти тамоми ҳодисаву воқеаҳо сарфаҳм равад. Адиби маъруфи рус М.Горкий чунин гуфта буд «…кӯдак ҳаракатро дӯст медорад, ӯ гарму ҷӯшон дигаргуниҳои ҳаёти зиндагиро эҳсос мекунад, иродаи кӯдак худ ҳаракат ва дигаргуниҳоро металабад» [4.92].

Дар ҳақиқат, қаҳрамонҳои повести «Об аз куҷо меояд?»-и А.Шукӯҳӣ Асаду Самад серҳаракатанд. Онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯанд, дар фикри онанд, ки ба саволҳои содалавҳонаи худ ҷавоби муносиб ёбанд ва он муаммоҳои сарбастаро бо амалу ҳаракатҳои худ ҳал намоянд. Ба ин фаъолияти онҳо бештар калонсолон ва бибию модари Асаду Самад кӯмаки беғаразона менамоянд.

Адабиёти бачагонаро бе юмор, бе ҳазлу шухӣ, бе хандаи беғаш тасаввур карда наметавонем. Мунаққиди шинохтаи рус В.Сухамлинский гуфта буд: «Ханда яке аз каналҳои идрок, яке аз нуқтаҳои биниш аст, ки аз он оламу дунё бо тамоми

гуногунрангияш дар назари инсон намудор мегардад. Агар ин канал маҳкам бошад, фикр пурра ва ҳаматарафа инкишоф намеёбад» [5.13].

Аз ҳамин лиҳоз, асари бачагонаро беҳазлу шӯхӣ, мутоибот, латифаю зарофатгӯиҳо тасаввур кардан мумкин нест. Асари бачагона бояд ин талаботи маънавии кӯдакро қонеъ гардонад. Дар повести «Об аз куҷо меояд?»-и А.Шукӯҳӣ ҳазлу шӯхӣ мавқеи хос дорад. Рафтори содалавҳонаи баъзе персонажҳо ба монанди Бурҳони биҳӣ, ки аз себи биҳӣ қимоб аст, аҳволи хандаовари Таваккалхӯҷаи холабеғам ва дигарон боиси он мегардад, ки бачагон дар ҷараёни мутолиаи повест аз сидқи дил хандида хулосаҳои амиқ бароранд.

Қиссаи Аминҷон Шукӯҳӣ «Об аз куҷо меояд?» барои бачагони синни хурди мактабӣ навишта шудааст ва ҳамчун намунаи беҳтарин қиссаи реалистии тоҷик эътироф гардида, дар адабиёти бачагонаи солҳои 70-ум як ҳодисаи муҳим дониста шуда буд. Асар аз он хотир ҷолиби диққат аст, ки сар то по саршори ҳаҷви ширин буда, саргузашти аҷибу хурсандбахши ду нафар бачаи соҳибзавқу шӯху бебок тасвир шудааст ва хонанда онро бо шавқи тамом мехонад. Дар асар баён шудани як силсила ҳодисаҳои зиндагӣ, масъалаҳои гуногуни аҳамияти тарбиявиро дар бар гирифта, ки дар таҷрибаи ҳаёти худ баду некро фарқ кардан ва зарурати накӯкориро дарк намудани кӯдакон ба қалам дода шудааст. Асар хеле ҷолиб ва шавқовар навишта шудааст. Роҷеъ ба ин масъала нависанда Ю.Акобиров чунин андешаронӣ намудааст: «Ин асарро,- мегӯяд ӯ,- ҳам бачаҳо ва ҳам калонсолон бо шавқ мехонанд. Он бо забони фасеҳу равон басе ширадор ва андак ҳаҷвӣ навишта шудааст» [1.29].

Як ҷиҳати дигари ҷолиб будани асар дар он зоҳир мегардад, ки ба меҳнат саргарм шудани қаҳрамонҳои марказии асар Асаду Самад таъкид гардидааст. Чи тавре ки қайд намудем, А.Шукӯҳӣ ҳам дар шеърҳояш ва ҳам дар қиссаҳояш «Обу ниҳол»-ро дар маркази диққат гузоштааст. Бачаҳо ба бехи ниҳол об монданӣ шуда сари обро кофта мераванду як қатор воқеаҳоро аз сар мегузаронанд.

Ҳамин тариқ, повест аз эҷодиёти бадеии халқ, суруду чистону афсонаҳои он ғизо ва обу ранг гирифта, дар ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳимми бачагон саҳми муносиб гузоштааст. Дар повест рӯҳияи бачагон бештар аз амалиёту рафтори онҳо намудор мегардад.

Китоби дуюми ин повест бо номи «Асад ва Самад», ки соли 1973 чоп шуд, низ ҷолиби диққат аст, зеро воқеаҳо яке аз дигаре ҷолибтару ҷаззобтар тасвир шудааст. Рафтори қаҳрамонҳои он, ҳазлу ширинкориҳои Асаду Самад ва Бурҳони биҳию Таваккалхӯҷа хонандаро ба шавқ оварда хурсанд мекунад. Забони асар сода, нафису ширадор буда, бисёр ибораҳои мӯъҷази забони зиндаи гуфтугӯиро дар бар кардааст. Содафеълии кӯдаконаи онҳо дар китоби дуюм низ ба рӯйдодҳо, маҷороҳо, ҳодисаҳои хандаовар, вазъиятҳои аҷиб сабабгор мешавад. Дар боби хотимавии китоб, давраи нави ҳаёти Асаду Самад барои бачагон, давраи хониш тасвир шудааст. Асаду Самад дар синф. Дар ин ҷо ҳам онҳо ҳамон кӯдакони содаанд: «Самад ҳанӯз фамилияи худро намедонад ва вақте ки муаллима бачаи дигарро Алиев Самад гӯён ном мегирад, хеста даъво мекунад, ки Самад фақат ӯ буда метавонад, на каси дигар».

Муаллима дар вақти дарс ба як бача иҷозат медиҳад, ки берун бароят.

«Асаду Самад ҳам пичир-пичир карданду баробар даст бардоштанд.

-Худаш чи гап?-норозиёа пурсид муаллима.

-Як ба берун бароям.

-Барои чӣ?

-Намедонам,-дарҳол ҷавоб дод Самад.

-Ҳама баромада истодаанд-ку,-сухани Самадро шарҳ дод Асад» [7.110].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки нависанда то охири китоб саргарми тасвири соддадилии бачагон аст, воқеан хурдсолон чунинанд ва бисёр кору амалҳои худро беихтиёр мекунанд. Рафтори ҷӯраҳо дар синф нишон медиҳад, ки онҳо ҳамон Асаду Самади поринаанд.

Ҳамзамон, хулқу атвори ба ҳам монанд, ҳамчун як себи ду кафон монанд будани онҳо ба ҳақиқати ҳаёт мувофиқат намекунад. Бо вуҷуди ин, китоби дуюм низ воқеаҳо паси ҳамдигар дилкашу гуворо ва ба завқи бадеии бачагон наздиктар тасвир шудаанд. Образҳо зиндаву ҳаётӣ ва ба воқеият наздик инъикоси худро ёфтаанд.

Хулоса, асарҳои бачагонаи Аминҷон Шукӯҳӣ дар солҳои 50-70-уми қарни ХХ дар инкишоф ва такомули жанрҳои гуногуни адабиёти бачагона мақоми баландеро касб намудааст. Махсусан, ашъори ӯ бо монанди «Барачаи гурезпо», «ИЛ -18» омад», «Об аз куҷо меояд?», «Асаду Самад» ва «Боғи шакарханд» беҳтарин намунаи асарҳои бачагонаи ин давра маҳсуб меёбад. Ҳар асар аз сайқал ёфтани маҳорати нависандагии А.Шукӯҳӣ шаҳодат медиҳад ва мавзӯъ, мундариҷа, ғояи ин асарҳо боз ҳам дилкашу ҷолибтар мегарданд. Мавзӯъҳои интихобнамудаи нависанда бо рӯҳи замон созгор буда, дар бораи ҳаёти кӯдакон ва ҳодисаву воқеаҳои ҳаррӯзаи онҳо маълумоти муфид медиҳанд.

**Адабиёт**

1.Акобиров Ю. Барои бачаҳо асарҳои пурмазмун офарем. Маориф ва маданият, 1969, 29-уми июн.

2.Амонов Р. Адабиёти бачагона. Таърихи адабиёти советии тоҷик.Ҷ.6 (қ.1) ; Душанбе: 1982-347с.

3.Бобокалонова Ҷ. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик.-Душанбе:Маориф ,1975.-208с.

4. Горкий М.О.детской летиратуре – М., 1958.-С. 92.

5.Сухамленский В.Самый отстающей в классе… Литер.газета 1970. -С. 13.

6.Тазкираи адабиёти бачагона. Ҷ.2 Наср –Душанбе: Маориф 1980.-366с

7.Шукӯҳӣ А. Асад ва Самад.-Душанбе :Ирфон , 1973-110. с.

**ИСМАТУЛЛОЕВ М.Р**

## РОЛЬ АМИНДЖАНА ШУКУХИ В РАЗВИТИИ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В частности о системе жанра произведениях детской литературы писатель остонавливаясь определил воспитательные и обучающие стороны этих произведений. Автор статьи пришёл к выводу что литератураведению и соискателтям нужен со всех сторон изучать жанры детской литературы творчество А.Шукухи.

**Ключевое слово:** литература, детская литература, жанр, писатель, литература, соискатель.

**ISMATULLOEV M.R.**

## AMINJON SHUKUHI IN THE DIRELOP MENT OF TAJIK CHILDREN LITERATURE

The article is about Tajik writer A. Shukuhi who plays an impoltant role in the devtlopment of injantile liferehete Especially he different sides of denre selecfa of infantile literatyre anol of these udork.

The author of the article came of the conlusion thaf the liferehete loorler of science and aspirants of allcountry have fo caplare the genre of infantile liferehete of A.Shukuhi

**Key words:** liferehete, infanfile liferehete, genre, writer, liferehete scientisf aspirant.